Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз “ ___” _________с. 20____, №
тасдиқ шудааст

# ДАСТУРАМАЛИ №___ “ОИД БА ИҶОЗАТНОМАДИҲИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ”

Дастурамали №___ “Оид ба иҷозатномадиҳии ташкилотҳои қарзӣ” (минбаъд – Дастурамал) мутобиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” таҳия шуда, тартиби аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ додани иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ, азнавбарасмиятдарорӣ ва бозхонди иҷозатномаро муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- **ташкилотҳои қарзӣ** – бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд;
- **иҷозатнома** - иҷозати махсусе, ки барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ дар шакли хаттӣ, бемуҳлат ва бе ҳуқуқи ба шахси дигар вогузор кардани он дода мешавад;
- **муассис (муассисон)** - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (резидент ва ғайрирезидент), ки иштироки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсис додани ташкилоти қарзӣ манъ накардааст;
- **ҳуҷҷатҳои таъсисӣ** – шартномаи таъсисӣ ва оинномаи ташкилоти қарзӣ мебошанд, ки шартномаи таъсисиро муассисони (иштирокчиёни) он баста, оинномаро тасдиқ менамоянд;
- **ҷамъияти ҳолдингии бонкӣ** – шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти қарзӣ намебошад ва он дар ташкилоти қарзӣ дорои ваколати назоратӣ мебошад;
- **ваколати назоратӣ** - яке аз ваколатҳои зерини шахсест, ки

мустақилона (инфиродӣ) ё тавассути ягон кас ё якҷоя бо як ё бештар шахсон:

а) бевосита ё бавосита доранда ё идоракунандаи бештар аз 50 фоизи саҳмияҳои овоздиҳандаи (ҳиссаҳои) шахси ҳуқуқӣ бошад;

б)имконияти интихоби аксарияти узви Шӯрои нозирони шахси ҳуқуқӣ ё мақоми ба он баробарро дошта бошад;

в)новобаста аз иштирок дар сармояи шахси ҳуқуқӣ дорои имконияти бевосита ё бавосита таъсири ҳалкунанда расонидан дар қабули қарорҳои шахси ҳуқуқиро дошта бошад;

г)дорои ваколати назоратии дигаре бошад, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст;

- **шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод** - шахси ҳуқуқӣ ё воқеии резидент ё ғайрирезиденте, ки:

а)бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона (аз ҷумла ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ дошта) аз озодӣ маҳрум нашуда бошад;

б)нисбат ба он барҳамдиҳии маҷбурӣ, муфлисшавӣ татбиқ нашуда бошад ё аз тарафи суд амалҳо ё беамалии ин шахс ҳамчун дорандаи ҳиссаи иштироки афзалиятнок ё узви мақомоти идора ё иҷроияи шахси ҳуқуқӣ боиси барҳамдиҳии маҷбурӣ, аз ҷумла муфлисшавӣ эътироф нашуда бошанд;

в)ҳамчун раис (муовинони он), узви раёсат ё сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ, ки дар давраи фаъолият кардан иҷозатномаи ташкилоти қарзиашон бинобар татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба он бозхонд нашуда бошад;

г)аз тарафи суд аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян ё аз ишғоли мансабҳои муайян маҳрум нашуда бошад;

д)ҳамчун узви Шӯрои нозирон ё корманди роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ бинобар татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ё мақоми назорати бонкии хориҷӣ аз вазифа озод нашуда бошад;

е)бо қарори суд ӯҳдадориҳои молиявии иҷрокарданашуда надошта бошад;

ё)барои содир кардани ҷиноятҳои қасдонаи хусусияти коррупсионӣ дошта ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад;

- **ҳиссаи иштироки афзалиятнок** - ҳиссаи иштироки шахсе, ки мустақилона (инфиродӣ) ё тавассути ягон кас ё якҷоя бо як ё бештар шахсон бевосита ё бавосита дорои даҳ фоиз ё зиёда аз он саҳмияҳои овоздиҳандаи (ҳиссаҳои) ташкилоти қарзӣ мебошад ё ҳиссаи иштироки афзалиятноке, ки онро Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии

ҳуқуқии худ муайян кардааст.

2. Фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ (минбаъд – иҷозатнома) амалӣ мегардад.

3. Ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун ташкилотҳои тиҷоратӣ дар шакли ҷамъияти саҳомӣ ё ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, ба истиснои бонкҳои давлатӣ, таъсис дода мешаванд.

4. Ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъсисёфта ба ҳисоб рафта, ҳуқуқи ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти бонкиро аз лаҳзаи гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон пайдо мекунад.

5. Бонки миллии Тоҷикистон вазифадор аст ҳангоми баррасии дархост барои гирифтани иҷозатнома истифодаи номи ташкилоти қарзиро манъ кунад, агар чунин ном аллакай дар Феҳристи сабти ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд бошад.

## 2. ТАЛАБОТ БАРОИ ҲУҶҶАТҲОИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА ОИД БА ГИРИФТАНИ ИҶОЗАТНОМА

6. Ҳангоми омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани иҷозатнома, муассиси (муассисони) ташкилоти қарзӣ метавонанд як шахси ваколатдорро барои пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон вобаста намоянд.

7. Муассиси (муассисони) ташкилотҳои қарзӣ (минбаъд - дархосткунанда) пеш аз бақайдгирии давлатӣ ва гирифтани иҷозатнома бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон дархост (Замимаи №1 ба Дастурамали мазкур), ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро бо забони давлатӣ пешниҳод намуда, хулосаи пешакии Бонки миллии Тоҷикистонро гиранд:

1) лоиҳаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ бо нишон додани маблағи эълоншудаи сармояи оинномавӣ;

2) маълумотнома бо зикри ному насаб, шаҳрвандӣ, ҷойи доимии истиқомат, фаъолият ё касб, таҳсилот, маълумоти муфассал оид ба собиқаи кории ҳар як узви Шӯрои нозирон ва корманди роҳбарикунанда (Замимаи №2 ба Дастурамали мазкур);

3) номзадҳо ба узви Шӯрои нозирон ва вазифаи кормандони роҳбарикунанда, бояд ба талаботи пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ҷавобгӯ бошанд;

4) тарҷумаи ҳоли корманди роҳбарикунанда, ки аз тарафи онҳо

шахс пур карда шуда, дар он сана ва имзои пуркунанда гузошта мешавад;

5) нусхаи ҳуҷҷат дар бораи доштани таҳсилоти олии иқтисодии кормандони роҳбарикунанда;

6) нусхаи шиносномаи узви Шӯрои нозирон, корманди роҳбарикунанда ва муассис - шахси воқеӣ;

7) нусхаи дафтарчаи меҳнатии узви Шӯрои нозирон ва корманди роҳбарикунанда;

8) ҳуҷҷат оид ба шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод будани ҳар як моликони ҳиссаи иштироки афзалиятноки ташкилоти қарзӣ, инчунин дигар шахсони ҳуқуқие, ки ин моликон дар онҳо дорои ваколати назоратӣ мебошанд ва аъзои Шӯрои нозирон ва кормандони роҳбарикунандаи онҳо;

9) маълумотнома бо зикри ному насаб, шаҳрвандӣ, ҷойи доимии истиқомат, фаъолият ё касби молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок, аз ҷумла манфиатдори ниҳоии ҳиссаи иштироки афзалиятнок, ки вазъи молиявии онҳоро тасдиқ мекунад;

10) маълумотнома оид ба манбаи қонунии маблағҳои пулии ба сармояи оинномавӣ воридшаванда, бо замимаи нусхаи ҳуҷҷати тасдиккунандаи он;

11) нусхаи ҳуҷҷати тасдиккунанда оид ба манбаи қонунии маблағҳои пулии ба сармояи оинномавӣ воридшаванда;

12) нусхаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда оид ба молу мулки муассис, ки ба сифати саҳм (ҳисса) ба сармояи оинномавии ташкилоти қарзӣ пешниҳодшаванда;

13) нусхаи ҳисоботи молиявии шахси ҳуқуқӣ - молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок барои се соли охир бо хулосаи аудиторӣ;

14) нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ барои муассис - шахси ҳуқуқӣ;

15) рӯйхати саҳмиядорон (иштирокчиён) ва манфиатдорони ниҳоии саҳмияҳо, ки нишонии маҳалли ҷойгиршавӣ ва миқдори саҳмияҳоро дар бар мегирад;

16) эъломияи хаттӣ аз ҷониби ҳар як молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок, узви Шӯрои нозирон ва корманди роҳбарикунанда оид ба шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод будан (Замимаи №3 ба Дастурамали мазкур);

17) нақшаи фаъолият бо назардошти мақсаду намудҳои фаъолият, тавсифи сохтори ташкилӣ, идоракунии хавфҳо ва низоми назорати дохилӣ, аз ҷумла, тадбирҳои дахлдор барои муқовимат ба

қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин дурнамои ҳисоботи тавозунӣ, даромаду хароҷот ва гардишҳои пулӣ барои се соли ояндаи фаъолият;

18) барои ҳар як молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок, аз ҷумла манфиатдори ниҳоии чунин ҳиссаи иштироки афзалиятнок, рӯйхати шахсони ҳуқуқие, ки иштироки онҳо дар сармояашон вуҷуд дорад, бо нишон додани ҳисса ва маҳалли ҷойгиршавии онҳо;

19) маълумот оид ба маҳалли ҷойгиршавии саридора ва ҳар гуна маҳалли дигари воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз он, ки дар он ҷо фаъолияти бонкӣ амалӣ карда мешавад;

20) ҳуҷҷат дар хусуси он ки мақоми назорати бонкии кишваре, ки бонки хориҷии (асосии) ё ҷамъияти ҳолдингии бонкӣ дар он ҷой таъсис ёфта, фаъолият мекунад, ба анҷомдиҳии фаъолияти бонкии ташкилоти қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва назорати маҷмӯии бонкии дархосткунандаро амалӣ месозад;

21) сохтори пурраи ташкилии ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла Кумитаи аудит;

22) маълумот дар бораи бинои ташкилоти қарзӣ ва таҷҳизоти техникии он (бинои ташкилоти қарзӣ, таҷҳизот, сигнализатсияи посбониву зидди сӯхтору хатар ва барои иҷрои амалиёти бонкӣ бояд ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқ бошад);

23) лоиҳаи пайнавишти маҷлиси муассисон бо назардошти қарор дар бораи таъсиси ташкилоти қарзӣ, тасдиқи ном, оинномa, интихоби Шӯрои нозирон ва дигар масъалаҳо;

24) лоиҳаи пайнавишти Шӯрои нозирон, бо назардошти қарор дар бораи интихоби раиси Шӯрои нозирон, таъсиси мақоми иҷроия, интихоб (таъини) кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ, ки ба салоҳияти Шӯрои нозирон таалуқ дорад;

25) лоиҳаи шартномаи таъсисӣ, ки он бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

- вазифаи муассисон дар масъалаи таъсиси ташкилоти қарзӣ;
- тартиби фаъолияти муштарак доир ба таъсиси он;
- нишондод доир ба шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилоти қарзӣ;
- шартҳои ба ташкилоти қарзӣ супоридани молу мулки худ ва иштирок дар фаъолияти он;
- мақсади таъсисдиҳии ташкилоти қарзӣ;
- андозаи сармояи оинномавии ташкилоти қарзӣ;

- ҳиссаи ҳар як муассис дар сармояи оинномавии ташкилоти қарзӣ;

- шартҳо ва тартиби байни саҳмиядорон (иштирокчиён) тақсим намудани фоида ва ҷуброни зарар;

- масъулияти муассисон барои риоя накардани вазифаҳо оид ба ҳиссагузорӣ;

- маълумот дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идоракунии ташкилоти қарзӣ ва тартиби аз ҷониби онҳо қабул намудани қарорҳо;

- шартномаи таъсисиро бояд ҳамаи муассисони ташкилоти қарзӣ имзо намоянд. Дар баробари ин, ҷои воқеъгардӣ ва мушаххасоти бонкии онҳо нишон дода мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби як муассис таъсис додани ташкилоти қарзӣ шартномаи таъсисӣ ба имзо расонида намешавад:

26) лоиҳаи оинномаи ташкилоти қарзӣ, ки он бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

- номи пурра ва мухтасари ташкилоти қарзӣ, бо назардошти шакли ташкилию ҳуқуқии он;

- маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзӣ;

- номгӯи амалиёти бонкӣ ва аҳдҳое, ки ташкилоти қарзӣ амалӣ менамояд;

- маълумот дар бораи ҳаҷми сармояи оинномавии ташкилоти қарзӣ;

- маълумот дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идоракунии ташкилоти қарзӣ;

- тартиби тақсими фоидаи ташкилоти қарзӣ;

- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муассисон;

- маълумот дар бораи тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои ташкилоти қарзӣ;

- назорат (аудит) аз рӯи фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилоти қарзӣ;

- тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ;

- маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои ташкилоти қарзӣ ҷамъият. Инчунин дар оинонома метавонанд, дигар масъалаҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, нишон дода шаванд;

- ҳуҷҷати пардохти ҳаққи хизмати баррасии дархост.

Ҳуҷҷатҳое, ки ҳаҷмашон аз як варақ зиёд аст, бояд ресмонбандӣ ва рақамгузорӣ карда шаванд.

**Эзоҳ:**

1) ҳуҷҷат оид ба надоштани доғи судӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан вобаста ба содир кардани ҷиноятҳои қасдонаи хусусияти коррупсионӣ дошта ва ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян ё аз ишғоли мансабҳои муайян маҳрум шудан аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод карда мешавад;

2) ҳуҷҷати тасдиккунанда оид ба манбаи қонунии маблағҳои пулии ба сармояи оинномавӣ воридшаванда, баромад карда метавонад:

- маълумотномаи оид ба музди меҳнати шахси воқеӣ;
- маълумотномаи ташкилоти қарзӣ оид ба пасандози шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
- нусхаи қарори дахлдори шахси ҳуқуқӣ оид ба пардохти суди (дивиденди) саҳмия;
- нусхаи қарори дахлдори шахси ҳуқуқӣ оид ба тақсими фоида ба саҳмиядорон (иштирокчиён);
- эъломия оид ба андоз аз даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ;нусхаи Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии маблағҳои пулӣ;
- дигар ҳуҷҷатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст.

3) ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда оид ба молу мулки муассис, ки ба сифати саҳм (ҳисса) ба сармояи оинномавӣ ворид мешаванд, баромад карда метавонад:

- нусхаи шартномаи хариду фурӯш, мубодила, ҳадя ва ғ. оид ба молу мулк;
- нусхаи Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк;
- дигар ҳуҷҷатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст.

8. Дар сурати мусбат будани хулоса Бонки миллии Тоҷикистон ташкилоти қарзӣ аз қайди давлатӣ гузашта ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- нусхаи пайнавишти маҷлиси муассисон ва Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии ташкилоти қарзӣ;
- нусхаи рақами мушаххаси андозсупорандаи ташкилоти қарзӣ;
- нусхаи шартномаи таъсисӣ, ки аз ҷониби ҳамаи муассисони ташкилоти қарзӣ имзошуда. Имзои муассиси ташкилоти қарзӣ, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад, он бояд бо мӯҳри он тасдиқ карда шавад;

- нусхаи оинномаи тасдиқшудаи ташкилоти қарзӣ.

## 3. ТАРТИБИ БАРРАСИИ ДАРХОСТ ОИД БА ГИРИФТАНИ ИҶОЗАТНОМА ВА ДОДАНИ ИҶОЗАТНОМА

9. Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати то се моҳ аз рӯзи қабули дархост ба муассиси (муассисони) ташкилотҳои қарзӣ дар хусуси ба талаботи Дастурамали мазкур ва қонунгузорӣ ҷавобгӯ будан ё набудани ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои тибқи бандҳои 6 ва 7 ҳамин Дастурамал пешниҳодшуда хулосаи худро медиҳад.

10. Дар ҳолати аз ҷониби муассиси (муассисони) ташкилоти қарзӣ пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти нопурра ё мутобиқнабуда ба талаботи Дастурамали мазкур, мухлати баррасии дархост аз рӯзе оғоз меёбад, ки ҳуҷҷатҳо ва маълумот тибқи талаботи муқарраршуда пурра пешниҳодшуда бошанд.

11. Бо мақсади таҳияи хулоса Бонки миллии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо санҷида, маълумоти иловагии заруриро аз дархосткунанда, мақомоти дигари давлатӣ ва мақоми назоратии хориҷии дахлдор дархост менамояд.

12. Дар ҳолатҳои истисноӣ Бонки миллии Тоҷикистон метавонад мухлати дар банди 9 Дастурамали мазкур пешбинишударо ба мухлати то ду моҳ тамдид намуда, дархосткунандаро дар ин хусус бо зикри сабаби чунин таъхир хабардор мекунад.

13. Дар сурати манфӣ будани хулоса Бонки миллии Тоҷикистон ба дархосткунанда дар хусуси радкунии додани иҷозатнома бо нишон додани сабабҳои радкунӣ ба таври хаттӣ ҷавоб медиҳад. Дар ин ҳолат ҳаққи хизмати баррасии дархост барои гирифтани иҷозатнома баргардонида намешавад.

14. Дар сурати мусбат будани хулоса Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати як моҳ аз санаи аз қайди давлатӣ гузаштани ташкилоти қарзӣ ба вай иҷозатнома медиҳад.

15. Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи додани иҷозатнома ба ташкилоти карзӣ бо назардошти асосҳои зерин қарор қабул мекунад:

- қонунӣ ва боэътимод будани маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда;
- қаноатбахш будани вазъи молиявӣ ва фаъолияти муассисон;

- ба талаботи шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод ҷавобгӯ будани моликон, шахсони дорои ҳиссаи иштироки афзалиятнок ва кормандони роҳбарикунанда;

- ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ мутобиқ будани сохтор ва ҳайати кормандон, захираҳои ҷорӣ, молиявӣ ва ташаккули сармояи ташкилоти қарзӣ барои иҷрои уҳдадориҳо;

- мақбул будани амалиёти дар оинномa нишондодашуда;

- воқеӣ будани нақшаи фаъолият;

- тасмими ташкилоти карзӣ дар хусуси фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи доимӣ;

- амалӣ шудани дараҷаи мақбули мушоҳида ва назорат аз ҷониби мақомоти назорати хориҷӣ дар асоси маҷмӯӣ.

16. Баъд аз қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома ташкилоти қарзӣ дар муддати як моҳ аз таърихи қабули қарори мазкур маблағи ҳадди ақалли сармояи оинномавиро ворид намуда, маблағи пардохт барои додани иҷозатномаро ба суратҳисобҳои дахлдор дар Бонки миллии Тоҷикистон мепардозад. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти қарзӣ иҷро кардани шартҳои мазкур Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати се рӯзи корӣ ба вай иҷозатнома медиҳад.

17. Қарори Бонки миллии Тоҷикистон оид ба додани иҷозатнома дар нашрияи он интишор мегардад.

18. Ташкилотҳои қарзӣ минбаъд дар хусуси ҳама гуна тағйирот, ки ба ҳуҷҷатҳои барои гирифтани иҷозатнома пешниҳодшуда дахл доранд, Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор мекунанд.

## 4. АЗ НАВ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ИҶОЗАТНОМА

19. Дар ҳолати азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) ташкилоти қарзӣ ё тағйир ёфтани ном ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст дар давоми на дертар аз понздаҳ рӯз барои аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома, дархост бо замимаи дахлдор вобаста ба азнавташкилдиҳӣ ё тағйир ёфтани ном пешниҳод намояд.

20. Дар ҳолати азнавташкилдиҳии ташкилоти қарзӣ ҳуҷҷатҳои зерин ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад:

1) ҳангоми муттаҳидшавии ташкилотҳои қарзӣ илова ба ҳуҷҷатҳои дар банди 5 Дастурамали мазкур пешбинишуда вобаста ба

муттаҳидшавӣ, ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- пайнавиштҳои маҷлиси умумии муассисони ташкилотҳои қарзии азнавташкилшаванда, ки дар онҳо оид ба аз нав ташкил додан дар шакли муттаҳидшавӣ қарор қабул гардидааст ва санадҳои супурд (як нусха пайнавишти маҷлиси умумии муасссисони ҳар як ташкилоти қарзии мутаҳидшаванда);
- пайнавишти маҷлиси умумии якҷояи муассисони ташкилотҳои қарзии муттаҳидшаванда;
- санадҳои супурди ташкилотҳои қарзии муттаҳидшаванда (як нусхагӣ санади супурди ҳар як ташкилоти қарзӣ);
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи хабардиҳии ташкилоти қарзӣ кредиторони худро дар бораи муттаҳидшавӣ;
- тавозуни ташкилотҳои қарзӣ дар рӯзи қабули қарор дар бораи муттаҳидшавӣ (як нусхагӣ тавозуни ҳар як ташкилоти қарзӣ);
- шартнома оид ба муттаҳидшавии ташкилотҳои қарзӣ;
- оинномаи ташкилоти қарзӣ бо назардошти муттаҳидшавӣ;
- маълумот аз Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба азнавташкилдиҳӣ дар шакли муттаҳидшавӣ;
- маълумот оид ба эълон дар бораи азнавташкилшавӣ дар васоити ахбори умум интишоргардида;

2) ҳангоми ҳамроҳшавии ташкилоти қарзӣ илова ба ҳуҷҷатҳои дар банди 5 Дастурамали мазкур пешбинишуда вобаста ба ҳамроҳшавӣ, ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- пайнавиштҳои маҷлисҳои умумии муассисони ташкилотҳои қарзии азнавташкилшаванда, ки дар онҳо оид ба аз нав ташкил додан дар шакли ҳамроҳшавӣ қарор қабул гардидааст ва санадҳои супурд (як нусха пайнавишти маҷлиси умумии муассисони ҳар як ташкилоти қарзии ҳамроҳшуда);
- пайнавишти маҷлиси умумии якҷояи муассисони ташкилотҳои қарзии ҳамроҳшуда;
- санадҳои супурди ташкилотҳои қарзии ҳамроҳшуда (як нусхагӣ санади супурди ҳар як ташкилоти қарзӣ);
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи хабардиҳии ташкилоти қарзӣ кредиторони худро дар бораи ҳамроҳшавӣ;
- тавозуни ташкилотҳои қарзӣ дар рӯзи қабули қарор дар бораи ҳамроҳшавӣ (як нусхагӣ тавозуни ҳар як ташкилоти қарзӣ);
- шартнома оид ба ҳамроҳшавӣ ташкилотҳои қарзӣ;
- оинномаи ташкилоти қарзӣ бо назардошти ҳамроҳшавӣ;
- маълумот аз Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ;

- маълумот оид ба эълон дар бораи азнавташкилшавӣ дар васоити ахбори умум интишоргардида;

3) ҳангоми тақсимшавии ташкилоти қарзӣ илова ба ҳуҷҷатҳои дар банди 5 Дастурамали мазкур пешбинишуда вобаста ба тақсимшавӣ, ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- пайнавишти маҷлиси умумии муассисони ташкилоти қарзии азнавташкилшаванда, ки дар он оид ба аз нав ташкил додан дар шакли тақсимшавӣ қарор қабул гардидааст ва тавозуни тақсимот;

- тавозуни ташкилоти қарзӣ дар рӯзи қабули қарор дар бораи тақсимшавӣ;

- оинномаи ташкилоти қарзӣ бо назардошти тақсимшавӣ;

- маълумот аз Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба азнавташкилдиҳӣ дар шакли тақсимшавӣ;

4) ҳангоми ҷудошавии ташкилоти қарзӣ илова ба ҳуҷҷатҳои дар банди 5 Дастурамали мазкур пешбинишуда вобаста ба ҷудошавӣ, ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- пайнавишти маҷлиси умумии муассисони ташкилоти қарзии азнавташкилшаванда, ки дар он оид ба аз нав ташкил додан дар шакли ҷудошавӣ қарор қабул гардидааст ва тавозуни тақсимот;

- тавозуни тақсимкунии ташкилоти қарзӣ;

- оинномаи ташкилоти қарзӣ бо назардошти ҷудошавӣ;

- маълумот аз Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҷудошавӣ.

21. Баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда оид ба азнавташкилдиҳии ташкилоти қарзӣ тибқи талаботи бандҳои 6 - 16, 20 Дастурамали мазкур амалӣ карда мешавад.

22. Дар ҳолати тағйир ёфтани номи ташкилоти қарзӣ ҳуҷҷатҳои зерин ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад:

- пайнавишти маҷлиси умумии муассисон оид ба тағйир ёфтани номи ташкилоти қарзӣ;

- нусхаи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ;

- нусхаи ҳуҷҷат дар бораи пардохти хироҷ барои аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома;

- оинномаи ташкилоти қарзӣ бо назардошти тағйир ёфтани ном.

23. Аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома вобаста ба тағйир ёфтани номи ташкилоти қарзӣ дар давоми даҳ рӯз аз рӯзи ворид гардидани дархости дахлдор анҷом дода мешавад. Дар ҳолати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо нопурра ё мутобиқнабуда ба талаботи Дастурамали мазкур, муҳлати баррасии дархост аз рӯзе оғоз меёбад, ки

ҳуҷҷатҳо тибқи талаботи муқарраршуда пурра пешниҳод шуда бошад.

24. То аз нав ба расмият даровардан ва гирифтани иҷозатнома ташкилоти қарзӣ метавонад фаъолиятро дар асоси нусхаи иҷозатномаи пештар гирифташуда анҷом диҳад.

25. Як нусхаи иҷозатнома ба намояндаи ташкилоти қарзӣ дода мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон баъди додани иҷозатнома, дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ дар хусуси аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома вобаста ба align азнавташкилдиҳӣ ё тағйир ёфтани номи ташкилоти қарзӣ ба вуҷуд омад сабт ворид мекунад.

## 5. БОЗХОНДИ ИҶОЗАТНОМАИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ

26. Иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асос ва тартибе, ки моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” пешбинӣ намудааст, бозхонд карда мешавад.

27. Нусхаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ фавран дар рӯзи қабули қарор ба ташкилоти қарзӣ дода мешавад.

28. Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ дар давоми як ҳафта аз рӯзи қабули он дар воситаҳои ахбори омма нашр карда мешавад.

29. Нусхаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ирсол карда мешавад.

Замимаи № 1 ба Дастурамали №___
"Оид ба иҷозатномадиҳии
ташкилотҳои қарзӣ"

Ба Раиси Бонки миллии
Тоҷикистон

# Дархост

дар бораи гирифтани хулосаи пешакии Бонки миллии Тоҷикистон

Хоҳишмандем ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои тибқи Даструмали мазкур пешниҳодшударо баррасӣ намуда, ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ҷавобгӯ будан ё набудани онҳо хулосаи пешакии Бонки миллии Тоҷикистонро пешниҳод намоед:
______________________________________________________________

*(номи пурраи ташкилоти қарзӣ)*

______________________________________________________________

1. Номи пурра ва мухтасари ташкилоти қарзӣ, бо назардошти шакли ташкилию ҳуқуқии он ______________________________
______________________________________________________________
2. Маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзӣ______________________
______________________________________________________________

3. Намояндаи муассиси (муассисони) ташкилоти қарзӣ
______________________________________________________________

*(ному насаб)*

______________________________________________________________
Суроға ________________________________________________
Телефон ____________ Факс ________________
Муассиси (муассисони) ташкилоти қарзӣ, барои эътимоднокии маълумоти пешниҳодшуда пурра масъулият дорад.

4. Муассиси (муассисони) ташкилоти қарзӣ:

1) ____________________________________________________

(*ному насаб, имзо, таърихи руз, моҳ сол)* *(суроға , телефон, факс)*

______________________________________________________________________

2) ____________________________________________________________________

(*ному насаб, имзо, таърихи руз, моҳ сол )* *(суроға, телефон, факс)*

______________________________________________________________________

3) ____________________________________________________________________

(*ному насаб, имзо, таърихи руз, моҳ сол )* *(суроға , телефон, факс)*

______________________________________________________________________

Агар муассиси ташкилоти қарзӣ шахси ҳуқуқӣ бошад, он гоҳ номи пурраи шахси ҳуқуқӣ нишон додашуда, имзои роҳбар гузошта ва бо мӯҳр тасдиқ карда мешавад.

Замимаи № 2 ба Дастурамали №___
"Оид ба иҷозатномадиҳии
ташкилотҳои қарзӣ"

# Пурсишномаи

**роҳбари (сармуҳосиби) ташкилоти қарзӣ муовинони онҳо ва роҳбари (сармуҳосиби) (филиал)**

______________________________________________________

*(номи пурраи ташкилоти қарзӣ)*

1. Вазифае, ки номзад ба он пешбарӣ шудааст_______________
2. Ному насаб ____________________
3. Таърих ва ҷойи таваллуд______________________________
4. Шаҳрвандӣ____________________________________________
5. Маълумоти шиносномаи шахсӣ______________________
6. Нишони хона ва ҷойи бақайдгирӣ, телефон____________
________________________________________________________
7. Маълумот _______________________________________________
*(кадом муассисаҳои таълимиро хатм намудааст, соли*
__________________________________________________________
*хатм)*
8. Ихтисос аз рӯи маълумот ______________________________
9. Тахмили ихтисос___________________________________
10. Донистани забонҳои хориҷӣ ___________________________
11. Доғи судӣ адонашуда ё ба тиртиби муқарраркардаи қонун бардошта нашуда
ҲА ______________
НА ______________
Оё ба навъи муайяни фаъолият машғул шуданаш манъ шудааст ё на ______________________________________________________
12. Ҷойи кор ва вазифа дар вақти пур кардани пурсишнома *(Тавсифи муфасали вазифаҳои хидматӣ баён карда шавад)* ________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
13. Маълумот дар бораи кор _________________________

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

**Таърихи руз, моҳ, сол**

________ ________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

**Таърихи руз, моҳ, сол**

**Раиси Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ**

_________ ________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*

**Мӯҳр**

14. Хулосаи Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи мувофиқат ________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

**Таърихи руз, моҳ, сол**

**Директори Департамент**

_________ __________________________
*(имзо)* *(ному насаб)*